# ПРОТОКОЛИ №142
## маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.KOA-016

аз «05» июли соли 2025 ш. Душанбе

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:** аз 9 нафар аъзои шуро 9 нафар

**Раиси шуро**: Шарифов Зариф Раҳмонович – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор.

Аз 9 нафар аъзои шурои диссертатсионии бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07-уми январи соли 2022, №14/шд тасдиқгардида 9 нафар иштирок доранд, ки аз инҳо 8 нафарашон доктороni илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

## <u>РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА</u>:

Ба ҳимояи иҷозат додани диссертатсияи Исматуллозода Баҳром Абдуғафор дар мавзуи «Сармоягузорӣ ҳамчун омили баланд бардоштани самаранокии иқтисодии соҳаи кишоварзӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ.

## ШУНИДА ШУД:

Раиси комиссияи экспертӣ Раҷабов Р.К. ва аъзои комиссия Мирсаидов А.Б. ва Бобоев А.А. оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Исматуллозода Баҳром Абдуғафор дар мавзуи «Сармоягузорӣ ҳамчун омили баланд бардоштани самаранокии иқтисодии соҳаи кишоварзӣ (дар мисоли Ҷумхурии Тоҷикистон)» ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя қабул намудан мумкин аст.

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Исматуллозода Баҳром Абдуғафор дар мавзуи «Сармоягузорӣ ҳамчун омили баланд бардоштани самаранокии иқтисодии соҳаи кишоварзӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда,

## ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:

1. Диссертатсияи Исматуллозода Баҳром Абдуғафор дар мавзуи «Сармоягузорӣ ҳамчун омили баланд бардоштани самаранокии иқтисодии соҳаи кишоварзӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.
2. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

– **Сафозода Абдулмаҷид Карим** – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, ректори Донишкадаи байналмилалии Данғараи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

– **Тағоев Ҷумахон Ҳамроевич** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи иқтисодиёти комплекси агросаноатии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистсон** таъйин гардад.

4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Муассиса ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимоя 13.09.2025, соати 13.00 муқаррар карда шавад.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор – 9 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест. **Якдилона қабул карда шуд.**

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Шарифов З.Р.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Олимов А.Х.

Имзои Шарифов З.Р. ва Олимов А.Х.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳои
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Қурбонзода А.Х.